**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқи таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикии садаи ёздаҳу дувоздаҳ ва шинохти нақш ва ҷойгоҳи шоирони татаббуъсаро дар инкишофи он таъйинкунандаи равишҳо ва ҳудуди робитаҳои судманди дарунии адабӣ ва таъсирпазирии эҷодкорона буда, пеш аз ҳама, шароит ва тарзи истифодаи як шоирро аз таҷрибаи шеърии шоири дигар бозгӯ менамояд. Дар муқаддима муаллифи рисола мухтасаран дар бораи интихоби мавзуъ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва назариявию методологии рисола, заминаҳои назариявию методологӣ, робитаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои илмии афзалиятнок, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, объект ва предмет, усулҳо, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, навгонӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии унвонҷӯ, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия сухан рондааст.

Мадизода Умеда Муҳаббат дуруст қайд намудааст, ки доир ба мавзуи пешниҳоднамудаи ӯ то ҳол ягон муҳаққиқ ба таври бояду шояд, таҳқиқоти мукаммали илмӣ набурдааст.

Сохтори рисола мантиқӣ буда, он ба ҳадафҳои зикришуда мувофиқат мекунад. Рисола аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳар як боб ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи зикришударо пай дар пай меомӯзад ва дар маҷмуъ, мантиқи ҳамаҷонибаи таҳқиқотро таъмин мекунанд.

Боби аввали рисола «**Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ**» доир ба маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуҳ таҳқиқ ва тавзеҳ шудааст. Татаббуъро донишмандон яке аз шаклҳои тазоҳуроти таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодии байни ҳамдигарии шоирон маънидод кардаанд. Аз рӯйи тақозои ҳалли мавзуъ муаллиф ин бобро ба се зерфасл ҷудо намудааст. Мадизода Умеда Муҳаббат бори дигар мутмаин месозад, ки татаббуоти шоирони ин давра бар қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ зинаи нави таҳаввули ин падида ва баёнгари мавқеияти ҳунарии ин се шоири зикршуда ва шоирони татаббуъсаро мебошад.

Боби дуюми диссертатсия- «**Нақши шоирони ҷудогона дар инкишофи татаббуъ**» номгузорӣ гардида, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли нахустин роҷеъ ба «Татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ» баҳс рафтааст. Дар фасли дуюми ин боб дар бораи «Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он» таҳлилу таҳқиқ шудааст. Дар ин фасли диссертатсия унвонҷӯ дар бораи таъсирпазирии як гурӯҳ шоирон, мисли Рашидаддини Ватвот, Ҳаким Саноӣ, Ҳасани Ғазнавӣ, Адиб Собири Тирмизӣ дар ин фасл масъалаи мавриди баррасиро дуруст ва мақсаднок шарҳ ва таҳлил намудааст.

Боби сеюми рисола **«Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирон дар асрҳои XI-XII»** ном дошта, фасли аввали он «Мундариҷ татаббуот ин давра ва зинаҳо таҳаввули он» мебошад. Дар ин фасл аз хусусиятҳои сохтории татаббуоти шоирони адабаиёти классикии форсу тоҷик Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Рашиди Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ изҳори назар карда шудааст.

Муаллиф бо мақсади ҳар чи воқеъбинона ва равшан тасвир кардани моҳияти масъала аз маводу сарчашмаҳо, луғатномаҳо истифода бурда дар натиҷа ба мақсади ниҳоии таҳқиқоти мазкур расидааст. Муаллиф ба исботи ин масъала комёб гаштааст, ки бисёре аз эътиқоду боварҳо, ақидаву тасаввуроти халқҳо, ки хусусияти асотирӣ доранд, ба гузашти замон ба расму одат ва ҳатто маросиму суннатҳои онҳо табдил ёфтаанд.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии тадқиқотро дар 13 банд ҷамъбаст карда, дар 4 банд тавсияҳои муфид оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод шудааст.

Дар баробари дастовардҳо чанд норасоие ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо ислоҳи онҳо барои беҳбудии сатҳи таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.

2. Дар автореферат ғалатҳои  имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 1, 4, 5, 7, 14, 18, 19, 20, 23).

3. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар автореферат матни аннотатсияҳоро андаке пуррутар мекард.

Камбудиҳои зикргардида арзиши илмии рисоларо коҳиш надода, ислоҳшаванда мебошанд.

Автореферати рисола ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф Мадизода Умеда Муҳаббат мухтавои пажуҳиши муҳаққиқро комилан пурра инъикос намудаанд. Маводди илман таҳқиқгардидаи рисола ба меъёрҳои таълифи кори илмӣ ҷавоб дода метавонад.

Хулоса, мутолиа ва баррасии фишурдаи диссертатсия гувоҳи он назар аст, ки диссертатсияи унвонҷӯ Мадизода Умеда Муҳаббат ҷамъбасти пажуҳишҳои тулонии муаллиф аст ва аз лиҳози интихоби мавзуъ, баррасӣ ва ҳаллу фасли он таҳқиқи тоза дар адабиётшиносии тоҷик буда, иқдоми муҳим дар таҳқиқи минбаъдаи ин мавзуъ мебошад. Бинобар ин, диссертатсия ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Сайфуллоева Зулайхо Абдулҳамидовна

06.02.2026
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, Маҳаллаи Меҳробод,
к. Инномҷон Ваҳҳобов, хонаи 6
**Тел.:** (+992) 003333484;
**E-mail**: sayfullayeva1970@mail.ru

Имзои Сайфуллоева Зулайхо Абдулҳамидовнаро
тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии
Маълумоти олии «Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон Исмаилова Мавлюда Нуровна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунода 30
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 003333484;
**E-mail**: sayfullayeva1970@mail.ru
06.02.2026